«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори МД «Пажуҳишгоҳи
илмӣ-таҳқиқотии тибби
профилактикӣ» ВТ ва ҲИА ҶТ,
д.и.т. Рузиев М.М.
____________
«__» ____________с. 2022

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар оид ба арзиши диссертатсияи Каримов Бахтиёр Музафарович «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 - Эпидемиология**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия.** Яке аз проблемаҳои мубрам дар айни замон омӯзиши иртиботи мутақобилаи зуҳуроти клиникии бемориҳои узвҳои ковокии даҳон вобаста аз ҳолати узвҳо ва системаҳои дарунӣ боқӣ мемонад [Гринин В.М., 2011; Аминджанова, З.Р., 2015].

Бемориҳои узвҳои ковокии даҳон ҳамчун роҳ барои бемориҳои системавӣ баррасӣ шуда, дар заминаи омилҳои зикршудаи умумии хатар эҳтимоли бузург вуҷуд дорад, ки омилҳои патологии ба як система таъсиркунанда, метавонанд ба системаи дигар низ таъсири манфӣ расонанд [Деркач В.В., 2011].

Бемориҳои системавӣ, аз як тараф барои пайдошавӣ ва ҷараёни вазнини бемориҳои асосии стоматологӣ мусоидат намоянд, аз тарафи дигар, сирояти музмини ковокии даҳон метавонад, ки барангезандаи пайдошавӣ ё бад шудани ҷараён ва пешгӯйии бемориҳои узвҳо ва системаҳои дарунӣ гардад. Бемориҳои узвҳои ковокии даҳон бо паҳншавии васеашон, якҷоя шудан бо патологияҳои узвҳои дигар фарқ мекунанд, ки ин аз мубрам будани мавзӯи мазкур гувоҳӣ медиҳад, ки ба

доираи стоматология дохил шуда, аҳамияти умумитиббӣ дорад [Грудянов А.И., 2017; Rahman M.M., 2012].

Дар солҳои охир муҳаққиқон консепсияи патогенетикии инкишофи патологияи стоматологиро ҳангоми бемориҳои системавӣ таҳия намуда, комплекси чорабиниҳои ташхисӣ, табобатӣ-профилактикиеро пешниҳод кардаанд, ки барқарор сохтани имкониятҳои компенсаторӣ-адаптататсионии узвҳои ковокии даҳонро фароҳам месозанд [Исмоилов А.А., 2014; Орехова Л.Ю., 2011].

Дар асоси гуфтаҳои боло, хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи Каримов Б.М. ба таҳқиқоти эпидемиологӣ ва клиникӣ-беҳдоштии узвҳои ковокии даҳон ҳангоми бемориҳоли системавӣ бо мақсади муайян кардани хусусиятҳои тағйир ва такмил додани усулҳоиислоҳи ихтилолҳои муайянкардашуда бахшида шудааст.

Дар таҳқиқот натиҷаҳои нисбатан бартаридоштаи омилҳои таҳқиқоти эпидемиологӣ ва клиникӣ-беҳдоштии узвҳои ковокии даҳон дар якҷоягӣ бо бемориҳои соматикӣ, ки ба интихоби тактикаи нисбатан беҳтар ва чорабиниҳои профилактикӣ таъсир мерасонанд, таҳлил ва тафсир шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.** Проблемаи диссертатсияи мазкур ба феҳристи самтҳои имтиёзноки корҳои илмӣ ва илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2021-2025 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, № 503) дохил шудааст.

**Мувофиқат кардани муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илм.**

Диссертатсияи мазкур ба шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Эпидемиология, ба бандҳои зерин мувофиқат мекунад: зербанди 3.2. – Қонунмандӣ ва хусусиятҳои ташаккул ва дар байни аҳолӣ паҳн шудани бемориҳои сироятӣ

бо мақсади муайян кардани сабабҳо, шароит ва механизмҳои пайдошавии онҳо.

**Натиҷаҳои асосии илмӣ дар доираи талаботи диссертатсияҳои номзади илм.** Бо назардошти мубрамии мавзӯи диссертатсия муаллиф вазифа ва мақсадҳоро моҳирона ва оқилона муайян ва бомуваффақият ҳаллу фасл намудааст. Диссертатсия аз муқаддима, шарҳи адабиёти илмӣ, мавод ва методҳои таҳқиқот, 2 боби натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифи рисола, хулоса, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда, хулоса ва тавсияҳои амалӣ иборат аст. Диссертатсия дар 132 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, дар он 16 ҷадвал ва 19 расм мавҷуд аст. Дар феҳристи адабиёт 172 сарчашмаи илмӣ оварда шудааст, ки аз онҳо 92 номгӯй сарчашмаи ватанӣ, 80 сарчашмаи хориҷӣ мебошанд.

Бо истифода аз усули эпидемиологӣ статуси стоматологӣ дар 947 бемори синну соли аз 20 то 60-сола ва калонтар, ки дар онҳо бемориҳои меъдаву рӯдаҳо (295 нафар), дилу рагҳо (283 нафар), эндокринӣ (369 нафар) буданд, муайян карда шуд.

Ба сифати гурӯҳи назоратӣ 248 бемор таҳқиқ шуд, ки бемории соматикӣ надоштанд ва барои ёрӣ ба Маркази таълимӣ-клиникии «Стоматология»-и ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино муроҷиат намудаанд. Ҳангоми иҷрои корҳои таҳқиқотӣ микдори умумии шахсони таҳқиқшудаи гурӯҳҳои асосӣ ва назоратӣ 1195 нафар буданд.

Динамикаи нишондиҳандаҳои эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ нишон медиҳанд, ки дар беморони дорои бемориҳои ҳамроҳшудаи соматикӣ дар сохтори шиддатнокии кариеси дандонҳо редуксияи камтарини дандонҳои аз даст додашуда дар гурӯҳҳои синнусолии 30-39 (3,28%) ва 40-49 (3,87%) ба қайд гирифта шуда буд. Дар гурӯҳи 1-уми синнусолӣ афзоиши миқдории дандонҳои кандашуда 13,27% буд. Дар гурӯҳҳои 4 ва 5-уми синнусолӣ дар сохтори шохиси шиддатнокии кариес нишондодҳои дури вазни холиси дандонҳои аз даст додашуда мутаносибан аз ифодаҳои ибтидоии унсури таҳқиқшаванда 2,5

ва 2,6 маротиба зиёд аст. Шаклҳои вазнини пародонтити музмин дар беморони дорои шаклҳои сабуки ихтилолҳои байнисистемавӣ паҳншавии шаклҳои вазнини пародонти музмин мутаносибан 10,90±0,42% ва 23,40±1,35%-ро ташкил дод.

Натиҷаҳои ба даст овардашудаи эпидемиологӣ оид ба омӯзиши қонунмандиҳои динамики шиддатнокии кариеси дандонҳо дар беморони гирифтори бемориҳои узвҳо ва системаҳои дарунӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар онҳо ҳолати нохуби бофтаҳои сахти дандонҳо дида мешавад ва шиддатнокии нишондиҳандаи кариесӣ дар онҳо ба омили синнусолӣ иртиботи мустақим дорад. Ҳамчунин натиҷаҳои ба даст овардашуда аз тағйирпазирии зиёди унсурҳои сохтории шиддатнокии кариес дар беморони дорои бемориҳои соматикӣ дарак медиҳанд,ки ин бояд ҳангоми ба нақша гирифтан ва такмил додани барномаҳои табобатӣ-профилактикӣ барои расонидани ёрӣ маҳз ба ҳамин беморон дар шароити статсионарӣ ва амбулаторӣ ба ҳисоб гирифта шавад.

Натиҷаҳои ба даст овардашудаи таҳқиқоти Каримов Б.М., имконият доданд, ки омилҳои бартаридоштаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштӣ ҳангоми бемориҳои узвҳои ковокии даҳон муайян, самти таъсиррасониҳои табобатӣ-профилактикӣ дар протсесси патологӣ ба бофтаҳои дандонҳо ва пародонт ҳангоми ихтилолҳои системавӣ аниқ карда шваад.

Таҳқиқоти клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштии ковокии даҳон, ки муаллиф пешниҳод намудааст, метавонанд ба таври инфиродӣ самти барномаҳои табобатӣ-профилактикиро дар шароити муассисаи стоматологӣ дар беморхонаи бисёрсоҳа ислоҳ намоянд. Дар амал татбиқ намудани алгоритми пешниҳоднамудаи табобатӣ-профилактикӣ ҳангоми ихтилолҳои системавӣ дар организм имконият медиҳад, ки табобати бемориҳои асосии стоматологӣ гузаронида шавад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба иртиботи мутақобилаи динамикаи бемориҳои стоматологӣ бо вазнинии бемориҳои соматикӣ маълумотҳои нав ба даст оварда шуд.

Бори нахуст омилҳои бартаридоштаи эпидемиологӣ дар пайдо шудани бемориҳои дандонҳо ва бофтаҳои пародонт дар бемрони гирифтори бемориҳои соматикии ҳамроҳшуда муайян карда шуданд.

Тавсифи динамикаи иртиботи мутақобилаи байни параметрҳои клиникӣ-эпидемиологӣ, беҳдоштӣ ва рентгенологии беморшавии соматикӣ ҳангоми бемориҳои системавӣ пешниҳод карда шуд. Муносибатҳои нави ташкилии масъалаҳои такмил додани ёрии стоматологӣ коркард шуд, вай имконият медиҳад, ки дар ниҳояти кор ҳаҷмро васеъ ва сифати расонидани ёрии стоматологиро дар беморхонаҳои бисёрсоҳа беҳтар созем.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Тағйиротҳои стоматологии клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштии муқарраркардашуда дар динамика ҳангоми бемориҳои системавӣ ба зарурати ислоҳи ихтилолҳо вобаста аз чараёни бемориҳои узвҳои ковокии даҳон нигаронида мешаванд.

Омилҳои бартаридоштаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштӣ ҳангоми бемориҳои узвҳои ковокии даҳон самти таъсиррасонии табобатӣ-профилактикаи таъсиррасонӣ ба протсесси патологии бофтаҳои дандонҳо ва пародонтро ҳангоми ихтилолҳои системавӣ муайян мекунанд.

Таҳқиқотҳои пешниҳоднамудаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштии узвҳои ковокии даҳон имконият медиҳанд, ки ба таври инфиродӣ барномаҳои равонашудаи табобатӣ-профилактикӣ дар шароити муассисаи стоматологии беморхонаи бисёрсоҳа ислоҳ карда шаванд. Дар амал татбиқ намудани алгоритми пешниҳоднамудаи табобатӣ-профилактикӣ ҳангоми ихтилолҳои системавӣ дар организм имконият медиҳад, ки табобати бемориҳои асосии стоматологӣ самаранок гузаронида шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар раванди таълими кафедраҳои эпидемиология ва стоматологияи муолиҷавии МДТ

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино татбиқ гардидаанд. Усулҳои пешниҳодшудаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва технологӣ дар фаъолияти табобатии Маркази таълимӣ-клиникии «Стоматология»-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Поликлиникаи марказии шаҳрии №10 истифода мешаванд.

Усулҳои истифодашуда, дастрас ва иттиллоънок ва тавсияҳои амалӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ба даст оварда шудаанд, метавонанд дар фаъолияти табобатии муассисаҳои стоматологӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй.** Саҳми шахсии муаллиф дар иҷрои рисолаи илмӣ аз амалӣ сохтан ва таҳлил намудани ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иборат аст. Мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, таҳияи картаи муоина, ҷамъоварии маводи аввалия, коркард ва ба система даровардани маводи клиникӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот, коркарди дизайни диссертатсия, мустақилона гузаронидани таҳқиқоти клиникӣ ва инструменталӣ, муоинаи динамикии беморон ва таълифи бобҳои рисола.

Таҳияи картаҳои таҳқиқот, омӯзиши статуси стоматологии контингенти муташаккили калонсолон дар шароити беморхонаи бисёрсоҳа, баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои дур шахсан аз тарафи диссертатнт иҷро карда шудааст. Муаллифи рисолаи илмӣ нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро таҳия намудааст. Таммоми иттилооти ба даст овардашуда аз тарафи муаллиф ба таври оморӣ коркард ва таҳлил карда шудааст.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии ҳар як натиҷа ( муқарраროти нав), ҷамъбаст ва хулосаҳои унвонҷӯй, дар рисола оварда шудаанд.** Эътимоднокии таҳқиқотро муътабарии интихоб, доманадор будани маводи аввалия, таҳлили муфассали сифатӣ ва миқдории он, системанок будани протседураҳои таҳқиқот, истифодаи усулҳои муосири коркарди омории иттилоот таъмин кардаанд. Ҳаҷми муътабари мавод, сатҳи методии таҳқиқот

барои ҳаллу фасл кардани вазифаҳои дар пеш гузошташуда кофӣ буда, эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшударо таъмин мекунанд.

Ҳаҷм ва маводи таҳқиқот репрезентативӣ буда, ба талаботи исботшавандагӣ барои чунин таҳқиқотҳо ҷавобгӯ мебошанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро усулҳои муосири таҳқиқоти эпидемиологӣ, гигиенӣ, клиникӣ, рентгенологӣ, пародонтологӣ, кариесологӣ, математикӣ, экспертӣ ва оморӣ тасдиқ мекунанд.

Тамоми нуктаҳои илмии диссертатсия, ки барои ҳимоя пешниҳод гаштаанд, бо таҳқиқотҳои муносиб ва объективӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои асосии илмӣ дар хулосаҳо инъикос ёфтаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ ва ҷамъбасти диссертатсия вазифаҳои дар пеш гузошташударо дақиқан инъикос мекунанд, ки асоснок буда, мантиқан аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда бармеоянд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот** бо коркарди оморӣ ва истифодаи маҷмӯи усулҳои иттилооти илмӣ, объективӣ ва объектвии таҳқиқот тасдиқ шудаанд.

Таҳқиқот дорои аҳамияти бузурги илмиву амалӣ мебошад. Вазифаҳои аз тарафи муаллиф дар таҳқиқот гузошташуда, пешниҳод намудани мавод ва хулосаҳо якгонагии ботинӣ дошта, ба талаботи КОА-и ҶТ ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ ҳастанд. Алгоритми аз ҷиҳати илмӣ асосноки чорабиниҳои стоматологӣ ҳангоми бемориҳои пародонт дар заминаи ихтилолҳои системавӣ таҳия карда шудааст.

**Тасдиқи нашри нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия.**

Таъйиди диссертатсияи Каримов Б.М. дар ҷаласаи байникафедравии комиссияи проблемавӣ оид ба эпидемиология, гигиена, бемориҳои сироятӣ, бемориҳои сироятии кӯдакон, нигоҳдории тандурустӣ ва тандурустии Муассисаи таълимии давлатии "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино" (Душанбе, 5 –уми сентябри соли 2020, протоколи № 2) баргузор шудааст.

Натиҷаҳои он дар конференсияҳои солонаи илмӣ-амалии байналмилалӣ, россиягӣ ва минтақавӣ гузориш шудаанд.

Дар доираи мавзӯъҳои рисола 40 таълифоти илмӣ нашр шудааст, ки аз ҷумлаи онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба чоп расидааст. Аз рӯйи маводи диссертатсия 2 пешниҳоди ратсионализаторӣ таҳия шудааст. Маводи нашршуда нуктаҳои асосии диссертатсия, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулоса ва ҷамъбасти онро пурра инъикос мекунанд.

**Мувофиқат кардани фишурда (автореферат) бо муҳтавои диссертатсия.** Автореферат моҳият ва муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос намуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ пурра ҷавобгӯ аст.

Диссертасияи Каримов Б.М. дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад, эродҳо ҷиддӣ нестанд ва ба баҳои умумии мусбати рисола таъсир намерасонанд.

**Хулоса дар бораи мувофиқат кардани диссертатсия ба критерияҳои муқаррарнамудаи Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ.**

Ҳамин тавр, диссертатсияи Каримов Б.М. дар мавзӯи: «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ», таҳқиқоти мустақилона ва ба анҷомрасида буда, дорои самтҳои нави ҳаллу фасл кардани вазифаҳои актуалӣ (мубрам)-омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ мебошад.

Таҳқиқоти Каримов Б.М. аз лиҳози мубрамӣ, навгонӣ, ҳаҷм ва сатҳи таҳқиқоти гузаронидашуда, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ва равишҳои методолгӣ ба талаботи бандҳои 3, қ. 31, 34 «Тартиби додани унвони илмӣ» ба диссертатсияҳои номзадӣ равонашуда, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

– юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Эпидемиология мувофиқат мекунад.

Диссертатсия, фишурда (автореферат) ва тақриз дар ҷаласаи Шӯрои олимони Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии тибби профилактикии Тоҷикистон" ВТ ва ҲИА ҶТ, протоколи № 06 аз «30» 08 соли 2022 тасдиқ шудааст.

**Эксперт:** мудири тахлилгохи зукоми
МД «Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии
тибби профилактикӣ »
ВТ ва ҲИА ҶТ, н.и.т. Муллоджанова М.М

**Котиби илмӣ:** Аминов О.Т.

Имзоро тасдиқ мекунам

**Сардори шуъбаи кадрхо:** Аббосова М.А.

**Маълумот барои тамос:** Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии тибби профилактикии Тоҷикистон" ВТ ва ҲИА ҶТ.
Суроға: 735001, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Шевченко, 61.
Тел.: (+992) 37-221-10-81; (+992) 918-71-32-66; Fax: (+992) 37-221-53-06
e-mail: *m.ruziev@mail.ru*

**30.08. с.2022.**